Ин санге буд, ки ҳафтод сол пеш ба ҷаҳаннам афканда шуда буд, то ҳоло дар он фуруд меомад, то ин ки (ҳоло) ба қаъри он расид

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Ҳамроҳи Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нишаста будем, ногаҳон садои баланде шунидем (садои афтодани чизе). Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Оё медонед ин чи буд?" Гуфтем: Худо ва Расулаш беҳтар медонанд. Фармуд: "Ин санге буд, ки ҳафтод сол пеш ба ҷаҳаннам афканда шуда буд, то ҳоло дар он фуруд меомад, то ин ки (ҳоло) ба қаъри он расид."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбари акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) садои сахт ва даҳшатнокеро шуниданд, ки мисли афтодани ҷисме буд. Аз саҳобагоне, ки назди ӯ нишаста буданд, пурсиданд, ки ин садо чист? Онҳо гуфтанд: Худо ва Расулаш беҳтар медонанд. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба онҳо гуфтанд: Ин садое, ки шунидед, садои сангест, ки ҳафтод сол пеш аз лаби дӯзах ба дӯзах афканда шуд ва то ин муддат дар ҳоли афтодан буд ва ҳоло шумо садои ба қаъри дӯзах расидани он сангро шунидед.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3370